**ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ**
**Ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ**
**_______________д.и.и. профессор Давлатзода Қ.Қ.**
**«_____»______________соли 2021**

**Тақризи**

**муассисаи пешбар ба рисолаи номзадии Азизов Комил Ҷурахонович дар мавзӯи «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Дар шароити имрӯза масъалаи таҳким бахшидан ба ифтихори миллӣ ва баланд бардоштани ҳувияту хештаншиносӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад. Хусусан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дар сиёсати амалӣ баҳри таҳким бахшидани пояҳои худшиносӣ ва ифтихори миллӣ чораҳои муҳим ва заруриро андешида истодааст. Тадриҷан бо амалӣ шудани сиёсати хирадмандонаи сарвари кишвар истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз дар заминаи ҳувияту худшиносӣ ва ифтихори миллӣ мустаҳкам гашта истодааст. Бо дарназардошти ин, то ба имрӯз масъалаҳои зиёде дар самти баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва худшиносӣ вуҷуд доранд, ки омӯзиши ин масъаларо муҳим мегардонад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои хоси он дар раванди дигаргуниҳои ҷомеа муҳим ва ҳалталаб буда, таҳлили ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Аҳамияти назариявӣ ва амалии омӯзиши мавзӯъ аз ҷониби диссертант аз он иборат мебошад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйироти куллӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ масъалаи худшиносӣ ва таҳкими давлатдорӣ муҳим мебошад. Зеро дар шароити имрӯза раванди ҷаҳонишавӣ ва мураккабгардии

муносибатҳо дар сатҳи байналхалқӣ ба ҳастии давлатҳои алоҳида таъсиргузор мебошад, ки дар чунин ҳолат баррасии масъалаҳои ифтихори миллӣ ва давлатдориро боз ҳам муҳимтар мегардонад. Инчунин, дар шароити имрӯза миллатҳои алоҳидае кӯшиш бар он намуда истодаанд, ки ҳувияти худро тақвият дода, ва ифтихори миллии худро миёни миллатҳои алоҳида густариш диҳанд. Аз ин рӯ, масъалаи ифтихори миллӣ ва таҳкими истиқлолият, ватандӯстӣ, сидқу сафо, вафодорӣ ва муттаҳидӣ барои давлатдории миллии мо муҳим мебошад. Бо дарназардошти ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар шароити имрӯза муҳим ва рӯзмарра мебошанд. Ифтихори миллӣ ва таҳкими ҳамаҷонибаи давлатдорӣ, ҳувияти миллӣ ва хештаншиносӣ таҳқиқи паҳлӯҳои мухталифи масъаларо талаб менамоя. Ба андешаи мо рисолаи номзадии диссертант дар ин самт қадами муҳиме мебошад.

Муаллиф омӯзиши масъалҳои ифтихори миллӣ ва давлатдориро бевосита аз асари безаволи “Шоҳнома”-и Абулқосим Фирдавсӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ҷанбаҳои лозимии ин масъалаҳоро ба риштаи таҳлил кашидааст. Зеро “Шоҳнома”-и ҳакими тӯсӣ аз он ҷиҳат бисёр муҳим аст, ки фалсафаи ҳаётбахши Фирдавсӣ моро аз гузаштаамон огоҳ сохта, сабақи омӯзанда ва ибратбахш барои наслҳои имрӯз ва фардо хоҳад шуд. “Шоҳнома” танҳо китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ, ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, аҳлоқнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсонист.

Аз достонҳои ҷангӣ, ишқӣ ва нақлу ривоятҳои “Шоҳнома” то таърихи пурифтихори халқҳои ориёиннажод, суннат ва анъанаҳои мардум, одоби зисту зиндагӣ, оини мамлакатдорӣ, раиятпарварӣ, ватандӯстӣ, таъмини истиқлоли кишвар, озодӣ ва озодагӣ, маънои ҷангу сулҳ, ифтихори миллӣ ва шинохтани ҳаққу ботил, пирӯзии нур бар зулумот, мардумшиносӣ, ҳаллу фасли мушкилоти байни давлатҳо, бемаъно будани ихтилофоти динию мазҳабӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳаққу ҳуқуқи дигар ва дӯстию рафоқатро меомӯзем. Месазад қайд кард, ки “Шоҳнома” дар баробари асари адабӣ

буданаш, ҳамчун сарчашмаи беғаразонаи таърихӣ низ мебошад, ки бисёр масъалаҳоро мунсифона барои ибрати оламиён ба қолаби назм даровардааст.

Яке аз ҷангҳои бемаъно ва бедодгарона ҷанги шоҳи Сосониён бар зидди шоҳи Ҳайтол (Хатлони имрӯза) Хушнавоз аст. Пирӯз, ки худ бо мадади шоҳи Ҳайтол ба салтанат расида буд, паймоншиканона уро сарнагун мекунад ва мо мебинем, ки Фирдавсӣ шоҳи Сосониёнро мазаммат намуда, ҳокими Ҳайтолиёнро, ки ҷиҳати сулҳу осоиш ҷонбозиҳо мекард, самимона ситоиш мекунад. Ба қавли Фирдавсӣ танҳо ҳамон нерӯҳое, ки дар хидмати адлу адолат мебошанд, қобили ситоишанд. Дар ҷангҳои доманадори Эрону Турон ҳам Фирдавсӣ эрониёнро фақат ҳамон лаҳзаҳое ситоиш мекунад, ки онҳо барои доду адл мубориза мекунанд, зеро ҷанги беадолатона ғалаба нест.

Ки ҳар-кӯ ба бедод ҷӯяд набард,

Ҷигархаста боз ояду рӯйи зард.

Фирдавсӣ ҳатто ҳуҷуми хеле пурхашми Искандари Мақдуниро ба Эронзамин маҳкум намекунад. Зеро вай бо худ идеяи нав – шоҳи одилро овард.

Рустами достон – ин паҳлавони ҷаҳон ҳам ба ҳеҷ рӯй моил намешавад, ки дар ҷанги бедод ғалаба кунад ва мегӯяд, агар кори ман ҳақ нест, бигузор бо дасти душман кушта шавам.

Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ба сифати як инсони покнажоду покгуҳар ва шахсияти нобиғаву достонсарои беҳамто, воқеан фалсафаву адаби моро нерӯи тоза бахшида, шеърро ба ҳар дард даво ва ёвару мададгор ва ҷонбахши мардум гардонид.

Фалсафаи манзуми ӯ моломоли ғояҳои ватанпарастӣ, башардӯстӣ, покию нафосат, сулҳу сафо, панду андарз ва аҳлоқи ҳамида, шеъри набарду мубориза ва ҷонбозиҳо дар роҳи озодии Ватан, дар роҳи адолату ростӣ аст.

Фирдавсӣ тавассути шеъри асил анъанаю дастовард, ҳикмату хирад, ҷасорату мардонагӣ, қудрати маънавию ахлоқӣ, нангу номус, ғурури миллӣ ва қаҳрамониҳои бемисли мардуми эронинажодро ба гӯши ҷаҳониён расонид.

"Шоҳнома" асари ҷовидонист ва ҳар сатри он аз заминаи миллӣ, аз саргузашту корнамоиҳои мардуми он, аз зиндагии воқеӣ берун омадааст. Беш аз ҳазор сол боз мардуми мо аз шеъри Фирдавсӣ ғизои ҷону рӯҳ, панду ҳикмат, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, ахлоқи ҳамида мебардоранд, ба ҳар дард даво, ба тани ранҷур шифо мебахшад.

Фирдавсӣ як марди мусулмон буд, вале ҳаргиз таърихи пурифтихори халқи худро қурбони идеологияи ҷоҳилона насохтааст. Аз фалсафаи Фирдавсӣ бармеояд, ки ягон ҳукумат, ягон роҳбар ва ҳоким, ягон андеша ва дину идеология ҳақ надорад, мардумро ба зӯрӣ мутеи худ созад.

Муаллифи рисола бевосита аз худи "Шоҳнома" ва маводи фаровони илмии вобаста ба мавзӯъ чӣ аз адабиёти хориҷӣ ва чӣ аз адабтёти ватанӣ фаровон истифода намудааст. Хусусан, ба кори муҳаққиқони тоҷик, ки то ба имрӯз дар ин мавзӯъ ба анҷом расидааст, таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудааст, ки ҷанбаҳои илмии рисоларо тақвият бахшидааст. Бар замми ин муаллиф масъалаҳои муҳимеро равшанӣ бахшидааст, ки то ба имрӯз мавриди пажӯҳиши илмӣ қарор нагирифта буданд, ё ба таври зарурӣ аз ҷониби муҳаққиқон баррасӣ нашуда буданд. Дар рисолаи номзадии Азизов К.Ҷ. навгониҳои назарраси илмӣ мавҷуданд. Ҷиҳати муҳим ва фарқкунандаи таҳқиқоти диссертант аз он иборат аст, ки дар он масъалаи ҳувияти миллӣ, худшиносӣ, ватанпарастӣ ва давлатдорӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва идеологии глобалӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар ин маврид муаллиф ба ҷиҳатҳои фалсафию таърихӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Аз ҷониби муаллиф манбаъҳои ифтихори миллӣ, садоқат ба ватан, суботу амният дар шароити равандҳои глобалӣ муайян карда шудааст. Муаллиф муносибатҳои танқидиро ба давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ баррасӣ карда, аломатҳои муҳим ва мафҳуму мундариҷаи сулҳу субот, амнияту тинҷӣ, ифтихори миллӣ ва давлатдориро ба риштаи таҳлил кашидааст. Дар мавриди ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ муаллиф сохтор ва механизми амалигардонии онро мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар рисолаи номзадӣ муаллиф ҳамчунин таълимоти

Авасто ва дини Зардуштиро ҳамчун сачашмаҳои ғоявии ташаккули ақидаҳои ахлоқию иҷтимоӣ омӯхта, ҳувияти миллиро ҳамчун омили таҳкими давлатдорӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Диссертант такмили худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва оини давлату давлатдориро чун пояи муҳимми таҳкимбахши давлат ва ҷомеа мешуморад. Рисолаи номзадии Азизов К.Ҷ. ба таҳқиқу омӯзиши чунин як мавзӯи хеле муҳим, рӯзмарра ва дар айни замон мушкил бахшида шудааст. Таҳқиқу омӯзиши илмии мавзӯи мазкур аҳамияти назариявӣ, илмӣ, маърифатӣ ва амалӣ дорад.

Рисола аз лиҳози мундариҷа, сохтор, мазмун ва банду баст дуруст таҳия ва корбаст шуда, бобҳо ва зербобҳои рисола аз ҷиҳати мантиқӣ ба ҳам пайваст мебошанд ва якдигарро пурра месозанд.

Рисолаи номзадии Азизов К.Ҷ. аз сарсухан, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар боби аввали рисола – **«Асосҳои назариявӣ-методологӣ ва заминаҳои иҷтимоиву ғоявии афкори Абулқосим Фирдавсӣ»** муаллиф ба таҳлили асосҳои назариявӣ-методологиву ғоявии афкори Абулқосим Фирдавсӣ таваҷҷуҳ кардааст. Дар зербобҳои ин қисмати рисола асосҳои назариявӣ ва методологии омӯзиши давлату давлатдорӣ, ифтихори миллӣ, таъсири таълимоти ахлоқӣ-фалсафии Авасто ва Зардуштия ба ташаккули ақидаҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Фирдавсиро мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф дар баррасии мафҳуми “ифтихори миллӣ” таълимоти муҳаққиқони зиёдеро баррасӣ намуда иброз медорад, ки ифтихори миллӣ метавонад боиси устувор гардидани арзишҳои миллӣ, заминаи муттаҳидшавӣ, дарки дурусти манфиатҳои мухталифи умумиятҳои иҷтимоӣ гардад ва ҳамчун омили асосии рушд ва инкишофи тамоми ҷомеа ва давлат баромад намояд, баррасии ифтихорӣ миллӣ на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки дорои аҳамияти амалӣ низ дорад. Ифтихори миллӣ яке аз заминаҳои асосии нигоҳ доштани давлату давлатдорӣ ва рушди минбаъдаи он баромад менамояд. Диссертант махсусан қайд намудааст, ки омӯзиши давлатдорӣ шарти ҳатмӣ ва зарурии нигоҳ доштан ва мукаммал намудани давлатдории муосир ба ҳисоб меравад. Масъалаи

давлатдорӣ чун проблемаи нави назариявӣ барои доираҳои илмӣ маҳсуб мегардад. Омӯзиши давлатдорӣ, асосҳо ва моҳияти он на танҳо аҳамияти консептуаливу назариявӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад ва метавонад дар самтгирии муайяннамоии принсипҳо ва чорабиниҳои бунёди давлатдорӣ хизмат намояд. Омӯзиши хусусиятҳои давлатдории миллӣ имконият медиҳад, ки моҳиятан сохтор ва бунёди давлат дар шароити имрӯза ошкор карда шавад. Фаҳми ин давлат ҳамчун сохтори зарурӣ ва ҳуқуқии ташкили ҷомеаи мутамаддин, ки ягонагӣ ва сохтори он тариқи нигоҳ доштани тартиботи муайяни арзишиву меъёрӣ таъмин карда мешавад, имконият медиҳад, ки дурнамои давлатдорӣ дар ҷаҳони муосири глобализатсионӣ дарк карда шавад, ки махсусан барои ташаккули давлати муосир, таъмини амният ва устувории он муҳим аст

Дар боби дуюми рисола – **«Таҷассуми давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ дар “Шоҳнома”и А.Фирдавсӣ»** диссертант заминаҳои иҷтимоӣ-сиёсии афкори Фирдавсӣ оид ба давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ, тавсифи сулҳу амонӣ дар “Шоҳнома” чун воситаи ташаккули ифтихори миллӣ ва таъмини амнияти давлату давлатдорӣ, “Шоҳнома” ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ифтихори миллӣ ва оини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир мавриди омӯзиш қарор додааст. Дар мавриди афкори иҷтимоиву фалсафии Фирдавсӣ оид ба сулҳу ваҳдат, роҳу воситаҳои таъмини амнияти ҷомеа ва давлат дар “Шоҳнома”-ро таҳлил намуда баён доштааст. Фирдавсӣ таъкид менамояд, ки нигоҳ доштани сулҳу осоиштагӣ дар ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама, аз муносибати шоҳон бо раият вобаста аст. Вақте ҳоким аз корҳои давлату давлатдорӣ дур мегардад, амнияти ҷомеа халалдор мегардад. Аз ин рӯ, ҳокимонро зарур аст, ки ҳамеша дар ҳолати омодагӣ қарор дошта бошанд ва нагузоранд, ки халали маънавие дар ҷомеа ба вуҷуд ояд, муаллиф чунин мешуморад, ки сулҳу субот ва рушди босуботи кишвар метавонанд омилҳои таҳкимбахши давлатдорӣ гарданд. Муаллиф дар ин маврид барқарор шудани сулҳу ваҳдат, таъмини амнияти ҷомеаро дар саросари кишвар чун шарти устуворӣ ва барҳам додани низъҳои дохилӣ ва

замина барои таҳкими худшиносӣ ва давлатдорӣ шинохтааст. Ҳамчунин бо баёни ҳодисаву падидаҳои гуногуни таърихӣ нишон додан меҳоҳад, ки нақши ифтихори миллӣ дар ташаккули давлату давлатдорӣ бузург аст. Қайд намудан зарур аст, ки ғояҳои иҷтимоиву сиёсии Фирдавсӣ оид ба ифтихори миллӣ ва давлату давлатдорӣ имрӯз низ аҳамияти худро дошта, дар тарбияи насли наврас мавқеи хоса доранд. Таъмини сулҳу амонӣ заминаи ташаккул ва инкишофи ифтихори миллӣ, таъмини ташаккули давлату давлатдорӣ баромад менамояд. Аз ин хотир, Фирдавсӣ ба таъмини сулҳу оромӣ диққати махсус дода, онро дар давлату давлатдорӣ ва ифтихори миллӣ омили муҳим мешуморад, гуфта талаққӣ кардааст. Муаллиф инчунин иброз доштааст, ки "Шоҳнома" дар шароити имрӯза ҳамчун дастурамал ва асари тарғиботии ғурури миллӣ ва ойини давлату давлатдорӣ дар ҷаҳони муосир мавриди истифода қарор дода шудааст. Дар тарбияи ифтихори миллӣ, дар мустаҳкам намудани пояҳои давлату давлатдорӣ ақидаҳои Фирдавсӣ нақши муҳим доранд.

Бояд ба ин нукта ишорат фармуд, ки муаллиф тақвият додани заминаи ифтихори миллӣ, худшиносӣ, ватанпарастӣ ва посдоштани арзишҳои давлатиро дар баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа аз афкору ақидаҳои бузургони гузаштаи миллат чун Фирдавсӣ ва дигарон медонад.

Ҳамзамон муаллифи рисола таъмини амнияти давлат ва сулҳу субот ва ваҳдатро низ аз сатҳи худшиносӣ ва ифтихори миллии ҳар фард мебинад, ки ба қавли Фирдавсӣ:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки худу пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Ватандӯстии А.Фирдавсӣ дар "Шоҳнома" на фақат аз дӯстдории Эронзамин аст, балки аз эҳсоси ҳакимона нисбат ба фарҳанги мардуми орийӣ, аз васфи адолат ва озодӣ, дурӣ аз хунрезию бедодгариҳо мебошад. "Шоҳнома" барои тоҷикон, ки имрӯз ифтихори миллӣ ва эҳсоси ватандӯстӣ

аз ҷумлаи он арзишҳое мебошанд, ки талоши мардуми Тоҷикистонро ба истиқлолу ҳамбастагӣ ва ваҳдати миллӣ ташвиқ мекунанд ва ин эҳсосот бояд аз сарчашмаи ҷовидонаи фарҳанги миллӣ ва таърихӣ об хӯранд, то тавони пойдорӣ дар ҷаҳони имрӯзаи пурошӯбро дошта бошанд. Чунин сарчашмаи арзишманд ва нерӯбахш "Шоҳнома" аст. Бинобар ин, омӯзиш, таҳлил, тарғиб ва таҳқиқи ин асар зарур аст, зеро "Шоҳнома" он ганҷинае аст, ки бархурдорӣ аз он эҳсоси ватанхоҳӣ ва миллиро тақвият мебахшад. Аз он ки ҳифзу тақвияти ҳувияти миллӣ вазифаи муқаддаси шаҳрвандист ва пойдеври он фарҳанги миллӣ мебошад, "Шоҳнома" аз рукнҳои асосии ин фарҳанг аст. Ҷавонон бояд аз ин шоҳасар панди ватанхоҳӣ, ватандӯстӣ, ҷасорату қаҳрамонӣ биёмӯзанд.

Дар охир муаллиф натиҷаи таҳқиқоти илмии мазкурро ҷамъбаст намуда, роҷеъ ба ҳувият, ифтихори миллӣ, ва давлату давлатдорӣ тавсияву пешниходҳои хешро пешкаш намудааст.

Ба муаллифи рисола муяссар гаштааст, ки дар асоси омӯхтан, таҳлили сарчашмаҳо, таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ тамоми масъалаҳои марбут ба мавзӯи таҳқиқотро дуруст ҳаллу фасл намояд ва ба мақсади худ расад.

Қобили зикр аст, ки бо вуҷуди дар сатҳи зарурӣ иншо гардидани рисола дар баробари дастовардҳо инчунин ба баъзе камбудиву норасоиҳо дучор омадан мумкин аст:

-Хуб мешуд агар диссертант таҳлили муқоисавиро бо таълимоти дигари асрҳои миёна оид ба давлатдорӣ ва ҳувияти миллӣ, аз ҷумла, асари Ғаззолӣ (Насиҳат ул - мулук), Низомулмулк ("Сиёсатнома") баррасӣ менамуд.

-Дар рисола Фирдавсӣ Искандари Мақдуниро чун шоҳи одил муаррифӣ намудааст, аммо диссертант сабабҳои аз ҷониби Фирдавсӣ ва дигар шоирон ва мутафаккирони форсу-тоҷик (Низомии Ганҷавӣ, Ҷомӣ ва диг.) чунин васф намудани давлатдории ӯро возеҳу равшан баён нанамудааст.

- Дар рисола масъалаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар “Шоҳнома” баррасӣ гардидааст, ки меҳвари рисоларо фаро мегирад ва зарур мешуморем, ки он ба таври муфассал мавриди таҳлили амиқи фалсафӣ-иҷтимоӣ қарор гирад;
- Дар матни рисолаи мазкур ҷумлаҳое ҷой доранд, ки онҳо аз ҷиҳати сохторӣ ба таҳрир ниёз доранд ва дар баъзе ҳолатҳо хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ низ ба назар мерасанд.

Аммо ба ин нигоҳ накарда метавон гуфт, ки нуқсонҳои ҷойдошта арзиши илмии рисоларо коста намекунад ва он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва муаллифи он Азизов К.Ҷ. сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ, протоколи № 06 аз “21” январи соли 2021 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи
фанҳои ҷомеашиносӣ, Саидумаров С.С.

Котиби ҷаласа, м/к. Тураев Ф.Р.

Омодасози лоиҳаи тақриз, д.и.ф., профессор
Раҳимов М.Ҳ.

Имзои Саидумаров С.С., Тураев Ф.Р. ва Раҳимов М.Ҳ. -ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДТТ ба номи М.С. Осимӣ Шарипова Д.

Суроға: ш.Душанбе, н.И.Сомонӣ, к. академик Раҷабовҳо 10.